Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Буриев Акмал Раҷабалиевич дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуки граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022).

Сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон хазинаи табиии нодир буда, мувофиқи маълумоти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, айни замон дар ҳудуди ҷумҳурӣ 28 кони тилло кашф шудааст, ки ҳаҷми умумии он тақрибан 429,3 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Инчунин дар шимоли ҷумҳурӣ дуюмин кони калонтарини нуқра дар ҷаҳон, бо коркарди солонаи 50 тонна мавҷуд аст, ки захираи он ба беш аз 150 сол мерасад. Илова бар ин, тибқи маълумоти вуҷуддошта, дар Тоҷикистон беш аз 400 кони маъдан ва ғайримаъдани канданиҳои фоиданок кашф ва барои азхудкунӣ омода карда шудаанд.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 600 конҳое омӯхта шудаанд, ки дорои иқтидори тасдиқгардидаи коркарди минбаъда мебошанд. Ин конҳои сурб ва руҳ, мис ва висмут, сурма ва симоб, металлҳои асил, молибден ва волфрам, оҳан, қалъагӣ, ашёи хоми бор, стронтсий, шпати плавик, намаксангҳо, сангҳои ороишӣ, нимқиматбаҳо ва қиматбаҳо, сангҳои сохтмонӣ ва бисёр намудҳои дигари ашёи хоми маъданӣ барои саноати сохтмон, ангиштсангҳо, антратсит, графит, нафту газ, озокерит, обҳои зеризаминии ширин, термалӣ ва маъданӣ, фосфоритҳо, инчунин як қатор канданиҳои фоиданоки дигар, дар маҷмуъ

зиёда аз 50 намуд захираҳои маъданӣ мебошанд. 28 конҳои кашфшуда тиллодор мебошанд, ки ҳаҷми захираҳои онҳо садҳо тонна арзёбӣ шудааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия сарватҳои зеризаминӣ моликияти истисноии давлат мебошад. Табиати ҳуқуқи мазкур баҳснок буда, ҷанбаи ҳуқуқии граждании он баъзан инкор мегардад. Ин ҳолат ба вазъи ҳуқуқии сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи гражданӣ таъсир дошта, боиси номуайяниҳо ва баҳсҳо дар сатҳи қонунгузорӣ, ки монеаи рушди қонунгузории соҳа ва амалия гардидааст. Аз ин рӯ, яке аз бахшҳои муҳим ва мубрами масъалаҳои ҳалталаб вобаста ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳуқуқи гражданӣ ин муайян намудани табиати ҳуқуқи моликият ба сарватҳои зеризаминӣ ва имконияти татбиқи конструксияи институти ҳуқуқи моликият нисбат ба он мебошад. Муайян ва ҳал намудани он аҳаммияти калони назариявӣ ва амалиявӣ дошта, омили ҳалкунандаи рушди минбаъдаи қонунгузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ маҳсуб меёбад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳдилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустқили у дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисолаи мазкур ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ ҳам аз ҷанбаи илм хусусияти назариявӣ дошта, барои рушди илм ва таҳқиқотҳо дар ин самт мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар, онҳо хусусияти амалӣ дошта, барои такмил додани қонунгузорӣ дар самти истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Натиҷаи

амалии таҳқиқоти пешниҳодшуда, ба таври самаранок амалӣ шудани он дар таҷриба мебошад. Тавсияҳои онро метавон дар қонунгузории амалкунанда, дар барномаҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода бурд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда дар самти масъалаҳои мухталифи ҳуқуқи гражданӣ, махсусан институти танзими ҳуқуқии истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дод.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи интихобнамудааш ҳамасола дар конференсияҳои апрелии ҷумҳуриявӣ, дар конференсияҳои байналмиллалӣ, семинарҳои илмии сатҳи гуногун ва дигар чорабиниҳои илмӣ баромад намудааст.

Дар баробари дастовардҳои зиёд, инчунин ҳолатхое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд, аз он ҷумла:

1. Дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур унвонҷу ба хулосае омадааст, ки созишнома оид ба тақсимот маҳсулот табиати ҳуқуқи граждaниро доро мебошад. Вале дар адабиётҳои ҳуқуқӣ аксари олимон чунин андеша доранд, ки созишнома оид ба тақсимоти маҳсулот табиати оммавӣ дорад. Воқеан дар ин созишнома танзими меърҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ зиёданд. Ба андешаи мо ҳолати мазкур асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Эроде, ки зикр шуд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мубрам буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
Мудири шуъбаи масоили
назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои «И.Ҳ. Бобоҷонзода»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ, АМИТ Шозедов Х.Н.

Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 (37) 221-03-28; www.anrt.tj